# Дастур дар бораи тарзи пур кардани хисоботи Тарози (баланси) иктидорҳо

1.Тарози баланси ҳисоботи иктидорҳои истеҳсолӣ аз тарафи ҳар як корхона (иттиҳодия), ки дар баланси мустақил қарор доранд, аз ҷумла корхонаҳои «Тоҷикматлубот» сарфи назар аз шакли моликият тартиб дода мешавад.

2. Оид ба истеҳсоли маводу масолеҳи бинокорӣ ( аз чумла конструксия ва қисмҳои бинокорӣ) тарози иқтидорҳои истеҳсолӣ аз тарафи ҳамаи корхонаҳо сарфи назар аз шакли моликият ва вобостагии идоравӣ аз ҷумла корхонаҳои (истеҳсолӣ), ки дар баланси ташкилотҳои бинокорӣ қарор доранд, тартиб дода мешавад.

3. Тарозҳои иқтидорҳои истеҳсолӣ аз тарафи корхонаҳо аз рӯи ҳамон номгӯи-феҳристи маҳсулоти истеҳсолкардаи онҳо тартиб дода мешавад. Агар корхона маҳсулотро дар дасгоҳҳо ё майдонҳои мувақатан ба иҷора гирифташуда истеҳсол кунад, новобаста аз он, ки дар кадом дастгоҳ ё майдончаи ба иҷора гирифташуда маҳсулот истеҳсол карда шудааст, дар баланси корхонае, ки мувақатан ё иҷорашуда мансубанд, балансҳои иқтидорҳои истеҳсолӣ тартиб дода мешаванд.

4. Дар сутуни «А» номгӯи намудҳои маҳсулоти дар соли ҳисобот истеҳсолшуда, дар сутуни «Б» воҳиди ченак нишон дода мешавад. Сутуни «В» аз тарафи корхона пур карда намешавад.

5. Дар сутуни 1 иқтидорҳои мавҷуда аз рӯи лоиҳа дар авали соли ҳисобот оварда мешаванд, ки ба сутуни 4 ҳисобот дар соли гузашта мувофиқат мекунанд.

6. Дар сутуни 2 маълумотҳо дар бораи ҳаҷми умумии иқтидорҳо дар соли ҳисобот, аз ҳисоби ба кор андохтану васеъ намудан ва таҷдиди корхонаи амалкунанда, корхонаҳои амалкунандаи аз нав таҷдидшуда ва ба амал баровардани чорабиниҳои ташкилию техникӣ, таѓйир додани феҳристи маҳсулот (афзун шудани заҳматталабӣ) оварда мешаванд.

7. Дар сутуни 3 маълумотҳо дар бораи ҳаҷми умумии камшавии иқтидорҳои истеҳсолӣ аз ҳисоби иқтидорҳои фарсуда, (ба охир расидани захираҳо), таѓироти феҳристи маҳсулот (афзудани заҳматталабӣ) нишон дода мешаванд.

8. Дар сутуни 4 иқтидорҳои истеҳсолии корхона аз рӯи лоиҳа дар охири соли ҳисобот нишон дода мешаванд. Маълумотҳои сутуни 4 бояд ба ҷамъи сутуни 1 ва 2 бо хориҷ аз ҳисоби сутуни 3 мувофиқат кунанд.

9. Дар сутуни 5 иқтидори мёнаи солона, ки дар соли ҳисобот фаъолият дошт, нишон дода мешавад, вай бо роҳи изофа намудан ба иқтидор аз аввали сол афзоиши миёнаи солонаи иқтидор ва аз вай кам кардани ҳисоби солона ба ҳисоби бо назардошти ивазшавӣ ҳисоб карда мешавад.

10. Дар сутуни 6 маълумот дар бораи истеҳсоли маҳсулот, истихроҷ ё аз нав коркарди ашёи хом дар соли ҳисобот оварда мешавад, зеро истеҳсоли маҳсулот дар реҷаи вақт дар сурат инъикос карда мешавад, дар реҷаи бевақти бошад, дар маҳраҷ нишон дода мешавад. Бо сатрҳои алоҳида ҷудо карда мешаванд: истеҳсол дар иқтидорҳои махсус нагардонида, ҳамчунин дар майдончаҳои муваққатӣ, дар заводҳои таҷрибавӣ (озмоишӣ), ки иқтидори онҳо ҳисобу китоб карда намешаад ; истеҳсоли маҳсулоти дар иқтидорҳо, санадҳо дар бораи ба кор андохтани онҳо ҳануз тасдиқ карда нашудаанд. Маҷмӯи маълумотҳои сурат, маҳраҷ, инчунин дар сатрҳои алоҳида инъикосёфта бояд бо маълумотҳои соли ҳисобот, ки дар шали №1-саноат «Ҳисоботи корхона (иттиҳодия) оид ба маҳсулот» ,фасли 1, сутуни 1 овардашуда мувофиқат кунанд.

11. Дар сутуни 7 маълумотҳо дар бораи истифодаи миёнаи солонаи иқтидор ба ҳисоби фоиз, ки дар натиҷаи тақсими маълумотҳо дар бораи истеҳсоли маҳсулот дар реҷаи вақт дар иқтидори миёнаи солона гирифташуда оварда мешаванд.Сатҳи истифодаи миёнаи солонаи иктидор набояд аз 100 фоиз зиёд шавад.